**Тақризи**

**муқарризи аввали расмӣ ба диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). – Хуҷанд, 2024. – 382 с.**

Нома ва номанигорӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик як шакли афкори адабӣ-эстетикӣ аст, зеро он ифодагари бақои лабораторияи эҷодии эҷодкор аст. Ғолибан дар номаҳо хоҳ манзум бошанд ва ё мансур (агар манзур эҷод бошад) мухтассоти сабку ҳунари эҷод мавриди баррасӣ қарор дорад. Зеро дар номаҳо шахсияти эҷодкор ва муносибати ӯ бо муҳити адабӣ-эҷодӣ қиёс карда мешавад.

Аз ин рӯ, мавзуи рисолаи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидович ниҳоят муҳим ва саривақтист, ки мавриди баррасӣ қарор дорад.

Таҳқиқоти мазкур бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ алоқамандӣ ва ҳамбастагии комил дошта, дар доираи самти корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом пазируфтааст. Мазмуну муҳтавои диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович, ки дар он ҷойгоҳи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар насри форсу тоҷики қарни XII ва вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии он мавриди таҳқиқи густурдаи илмӣ қарор гирифтааст, бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқ**, қабл аз ҳама, дар он аст, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври алоҳида ва муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, шеваи хоси нигориши он дар қиёс бо номаҳои асрҳои пешин ва аҳди Салҷуқиён таъкид шудааст. Ҳамчунин дар диссертатсияи мавриди назар вижагиҳои адабию услубӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар

насри форсу тоҷики асри XII муайян карда шуда, саҳми ин суханвари ориф дар рушди адабиёти ирфонӣ ва таҳаввули номанигорӣ баён шудааст.

Чордаҳ нуктаи асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодкардаи муҳаққиқ, ки дар тавсифи умумии таҳқиқ номбар карда шудаанд, дар диссертатсияи мавриди назар бомуваффақият ҳаллу фасл гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқ**и мавриди тақриз ба фаровонии ҳаҷми маводи таҳқиқ, муътамадии сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, таҳлили ҷиддии маводҳои гирдомада ва ҳаҷми зиёди интишорот алоқаманд аст.

**Хулоса ва тавсияҳо**и пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия метавонанд маводи зарурии назариро доир ба меъёрҳои шинохт ва баҳодиҳӣ ба ҷараёни номанигории форсӣ-тоҷикӣ фароҳам оваранд.

**Аҳаммияти назарии диссертатсия**и мавриди назар дар он ба мушоҳида мерасад, ки натиҷаҳои илмии он метавонанд ба таҳқиқи паҳлуҳои нокушудаи мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ, омӯзиши минбаъдаи таърих ва назарияи номанигории форсӣ-тоҷикӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии номаҳои суханварони дигар мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқи анҷомёфта дар он аст, ки хулосаҳои илмии диссертатсияро ҳангоми таҳияи рисолаҳои илмӣ, таълифи китобҳои таърихи адабиёт, адабиёти тасаввуф, матншиносию нусхашиносӣ, таърих ва назарияи номанигории форсӣ-тоҷикӣ ва ғ. метавон истифода намуд.

Диссертатсия бо манзури сохтору таркиб шомили муқаддима, чаҳор боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва феҳристи осори марбути мавзуъ буда, дар қисмати муқаддимаи он асосан се масъала: ваҷҳи интихоби мавзуъ, пешинаи таҳқиқ ва ҳадафи муҳаққиқ аз пажуҳиш шохис шудааст.

**Боби аввали диссертатсия** «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ» унвонгузорӣ шуда, шомили чаҳор фасл аст.

Дар фасли аввал, ки «Зиндагиномаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ» ном дорад, муҳаққиқ зиндагиномаи илмии Айнулқузоти Ҳамадониро барқарор сохтааст, ки матлуб аст ва метавон гуфт, ки муваффақ шудааст.

Фасли сонии боби мазкур доир ба мероси илмӣ-адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ихтисос дода шудааст ва муҳаққиқ дар ин фасл осори Айнулқузотро ба се даста: 1. Осори мафқуд, 2. Осори мавҷуд, 3. Осори мансуб қисмат кардааст (Дисс., с. 38). Осори мафқуди мутафаккир 9-то буда, тавассути ишораҳои худи орифи эҷодкор дар осори мавҷуд шохис карда шудаанд.

Дар фасли сеюми ин боб оид ба осори мавҷуд ё дастрасгардидаи орифи эҷодкор баҳс сурат гирифтааст ва теъдоди он 7-то таъкид шудааст. Пеш аз ҳама, дар ин қисмат аз девони ашъори орифи эҷодкор бо номи «Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ» ёд карда мешавад, ки тибқи ишораи шоир 1000 байт ғазал буда, дар 10 рӯз эҷод шудааст. Нусхаи он пас аз 116 соли даргузашти эҷодкор китобат шуда будааст.

Дигаре қасидаи наътия, ки 70 байт буда, муҳаққиқ манбаи баъзе абётро ба оёт асоснок мекунад, ки хеле муассир аст.

Фасли чаҳоруми боби аввал осори интисоб ба Айнулқузотро дар бар мегирад ва тибқи қазовати муҳаққиқ дар ин бора ихтилофи назарҳо ё мухолифати фикрӣ зиёд манзур мегардад.

Зоиров Ҳ.З. дар ин бахш ғолибан истиқлоли андеша дорад. Масалан, фармудаи Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» роҷеъ ба баъзе осори Айнулқузот, ки гуфтааст: «Он ҷаноб (Айнулқузот-З.Ҳ.)-ро тасонифи олия аст, минҷумла рисолаи «Лавоеҳ» ва китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки ба «Тамҳидот» маъруф аст» (Дисс., с. 66). Алорағми қазовати мазкур муҳаққиқ менависад: «Рисолаи «Лавоеҳ» аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузот аст, ...аммо «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ҷумлаи осори аслӣ ва мавҷуди Айнулқузот аст, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст, вале маъруф ба «Тамҳидот» нест (Дисс., с. 66). Чунин баҳсҳои ҷолиб хеле зиёданд, ки зимни онҳо назари хоси муаллифи диссертатсия манзур мегардад.

Ё худ «И. Умарзода, – менависад Зоиров Ҳ.З., – ба иштибоҳ рисолаи «Лавоеҳ»-ро «яке аз асарҳои ҷолиби диққати Айнулқузот» медонад... ва онро намунае аз насри шоиронаи қарни ёздаҳум мехонад... Лозим ба зикр аст, ки

«Лавоеҳ» асари Айнулкузот нест» (Дисс., с. 71) ва муҳаққиқ барои шохиссозии андешаи хеш басо тӯлонӣ баҳс мекунад, ки андешаҳояш мудаллаланд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулкузоти Ҳамадонӣ» унвонгузорӣ шуда, шомили чаҳор фаслу се зерфасл аст.

Дар фасли аввал муҳаққиқ роҷеъ ба зуҳури хат ва оғози номанигорӣ то аҳди Сосониён баҳс ба миён овардааст, ки хеле ҷолибу матлуб аст. Зеро ин ҷо баҳсҳои зиёде оид ба шаклҳои хат ва расмшавии онҳо сурат гирифтааст. Фасли мазкурро муҳаққиқ чунин хулоса мекунад: «Катибаҳои форсии бостон, ки ба хатти меҳӣ навишта шудаанд, бешак, аз лиҳози таърихӣ ва забоншиносӣ арзиши зиёд доранд, вале аз ҷиҳати адабӣ ва ҳунари нависандагӣ аҳаммияти камтарро моликанд» (Дисс., с. 96).

Фасли сонии боби мазкур оид ба оини тарассул дар аҳди Сосониён бахшида шудааст, ки муҳаққиқ ба ин восита накши сулолаи мазкурро дар рушди илму фарҳанг ва маънавиёт таъкид менамояд. Муҳаққиқ барҳақ қайд мекунад, ки: «Ҳанӯз дар аҳди Сосониён дар номаҳо истифода бурдани қавли бузургон, андешаҳои ахлоқӣ, панду насиҳатҳои динӣ, ашъори пурмаъно, латоифу муаммо, луғазу румуз, амсоли пурҳикмат аз ҷониби дабирон расм гашта буд» (Дисс., с. 100).

Дар зерфасли аввали фасли фавқуззикр, ки «Анвои номаҳо ва одоби нигориши онҳо» мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, фузун аз нуҳ навъи номаҳо таҳқиқу тавзеҳ шудаанд, ки аз иртифои фарҳангу маънавиёти давр гувоҳӣ медиҳанд. Тавъам бо он, теъдоди номгӯйи номаҳо ва мақому мартаба ва нақши дабирону номанигорон дар ҷомеа шохис карда шудааст, ки аз ҷустору амиқравиҳои муҳаққиқ шаҳодат медиҳад.

Зерфасли сонии фасли мазкур ихтисос бар мухтассоти номаҳои замони Сосониён дода шудааст. Дар ин бахш муҳаққиқ ба шеваи нигориш, ҳусни хат, назокати коғаз, салосату балоғати баён, алқобу ановини номаҳо ва накши котибону дабирон ва шинохти санъати онҳо хеле хуб ғавр кардааст, ки ба назари мо матлуб аст.

Зерфасли сеюми фасли номбурда ба шохиссозии дастуру кутуби марбут ба оини нигориш бахшида шудааст. Аз силки он осор китоби «Корванд», рисолаи «Ойини нома набиштан» ва нақши ин осор дар таърихи номанигорӣ таҳқиқ шудааст, ки ба назари мо муҳаққиқ муваффақ шудааст.

Дигар аз фаслҳои ҷолиби боби дуюм «Одоби нигориш ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Сомониён» ном дошта, дар ин бахш таъкид мешавад, ки: «Танҳо дар қарни VIII дар оғози мактуб овардани таҳмидот расм шуд, ки бунёдгузори ин расм Абулҳамиди Котиб – дабири охирин халифаи Умавӣ Марвон ибни Муҳаммад буд» (Дисс., с. 141).

Баъдан суннати нома ва номанигорӣ дар асарҳои марҳалаи классикии рушд: «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва ғайра таъкид мешаванд, ки аз пурарзиш будани ин суннати устувор башорат медиҳад, яъне суннати мазкур дар замони Оли Бӯя ва Оли Зиёр низ басо ҷолиб таҳаввул карда буд.

Дар аҳди Салҷуқиён дар ин ҷода хосса Низомулмулк таъсири вофир мегузорад, ки дар ин бора дар фасли чаҳорум баҳси ҷолиб қобили вукуъ шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия**и Зоиров Ҳ.З. «Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ» унвонгузорӣ гардида, шомили чаҳор фаслу панҷ зерфасл буда, фасли нахустини он «Суннати дабирӣ ва услуби нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» ном дорад. Муҳаққиқ дар бораи мухтассоти номаҳои орифи эҷодкор баҳс ба миён оварда, таъкид мекунад, ки: «Сабк, усули номанигорӣ ва мавзуоти номаҳои Айнулқузот аз макотиби аҳди худ фарқ мекунад. Сабаб дар он, ки ӯ расму одоб ва ойини махсуси дабирони замони хешро ба кор набурдааст ва мавзуоти номаҳояш низ гуногун, пур аз оёти Қуръон, розу рамз ва баёни мароҳили сулук аст. Дар мактубҳояҳояш асаре аз тасаннуот ва такаллуфот, ки хоси дабирони замонаш буд, ба назар намерасад» (Дисс., с. 164).

Қозӣ дар таърихи номанигорӣ ва шохисан дар мухтассоти шаклии номаҳои хеш, усули нави нигоришро кашф кардааст ва ин тозакории ӯ он аст, ки: «Ин навъи равиши баён усули қисса андар қисса ва ҳикоят андар ҳикоятро ба хотир меорад» (Дисс., с. 171).

Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки муҳаққиқ номаҳои Қозиро, тибқи иродаи худи эҷодкор нома унвон мекунад ва амалан номаҳо, «...дар асл онҳо рисолаеро мемонанд, ки муаллиф тайи онҳо нуктаҳои муҳимми ирфониро бо истифода аз ашъори зиёди арабӣ ва форсӣ баён намудааст» (Дисс., с.175).

Фасли дуюми боби сеюм «Забон ва шеваи баёни номаҳои Айнулқузот» ном дошта, дар ин фасл таъкид мешавад, ки бо манзури мухтассоти забонӣ зоҳиру муҳтавои номаҳо мутафовитанд.

Дар фасли сеюми боби мазкур нуфузи арабият асосан таъкид карда мешавад ва ин яке аз мухтассоти меҳварии сабки Ироқӣ аст, ки, бахусус, сабки сухани эҷодкорони сӯфию ориф дар ин ҷода руҷҳон доранд.

Дар зерфасли аввали фасли чаҳорум назари орифи эҷодкор нисбат ба каломи ҳунарии манзум таҳқиқ шудааст, ки хеле ҷолиб аст, зеро ҳадаф шеър нест, балки шеър восита асту халос. Маҳз ба ҳамин хотир ӯ шеърро шабеҳ ба оина медонад. Яке аз масоили меҳварӣ дар номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ тарғиби хисоли хамида ва аъмоли тарбиявию ахлоқӣ ва васфи онҳост. Масоили фавқуззикр дар зерфасли сонии фасли чаҳорум аст, ки муҳаққиқ дар ин ҷода басо амиқравиҳо дорад.

Зерфасли сеюм (фасли 4, боби III) «Дифоъ аз Иблис дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ» унвонгузорӣ шуда, сайри ин образ дар адабиёти форс-тоҷик ва, хосса, дар ашъори урафо таҳқиқ шудааст.

Натиҷагирии муҳаққиқ аз зерфасли фавқуззикр ин аст, ки ӯ менависад: «Лозим ба зикр аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷонибдори Иблис нест... Фармудаҳои Қуръонро ба ҷон қабул дорад ва аз шарри шайтон хуб огоҳ аст ва муридони худро низ борҳо аз макру роҳзании ӯ хабар медиҳад, аммо ...мардуми хом ва дар роҳи ишқ ноустуворро камтар аз Иблис медонад» (Дисс., с. 211).

Яке аз масоили меҳварӣ дар «Номаҳо» мавзуи ишқ аст ва он то ба ҳадде будааст, ки шабеҳи ишқномаҳост. Аз ин рӯ, ӯ дар номаҳо аз Юсуфу Зулайхо, аз Маҷнуну Лайлӣ ёд намуда ва ишқро ҳодии солик медонад, ки комилан саҳеҳ аст.

Зерфасли панҷум ба таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии эҷоди номаҳо ихтисос дода шудааст, ки номанигор дар таълифи онҳо аз мақолу зарбулмасал ва саноеи маънавӣ то кадомин андоза кор гирифтааст ва мурод аз он чӣ аст? Воқеан онро муҳаққиқ дар ин бахш шохис месозад.

**Боби чаҳоруми диссертатсия**и Зоиров Ҳ.З. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ» унвонгузорӣ шуда, дар фасли аввали боби мазкур нусхаҳои хаттии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки хеле ҷолиб аст ва баҳсҳои муаллифи рисола нишонрасу дақиқанд.

Муҳаққиқ дар шохисияти нусхаҳои қаламии номаҳо ғолибан саҳми се тан донишмандон – А. Усайрон, Р. Фарманиш ва А. Мунзавиро руҷҳон медиҳад. Муҳаққиқ дар ҳамин замина дар хусуси нусхаҳои мавҷуда ва нигаҳдории онҳо дар китобхонаҳои Сипаҳсолор, Коруллоҳ (Истанбул), Бритиш Мюзем (Лондон), китобхонаи миллии Теҳрон ва, умуман, 9-нусхаи қаламии мактубҳо маълумоти зарурӣ медиҳад. Муҳим он аст, ки Зоиров Ҳ. З. пажуҳиши хешро дар асоси нашри сеюми «Номаҳо», ки онро А. Мунзавӣ ва А. Усайрон соли 1377 ҳ., муштамил бар се муҷаллад ба табъ расонидаанд, сомон додааст ва нашри мазкур фарогири 159 нома будааст (Дисс., с. 241).

Муҳаққиқ роҷеъ ба шохисият ва мухтассоти номаҳо бо донишмандон Ҳ. Баннопур ва М. Нарзиқул ба баҳс медароянд ва муҳим он аст, ки истиқлоли андеша дорад.

Муҳаққиқ «Номаҳо»-и Айнулқузотро ҳамчун сарчашмаи адабӣ медонад, зеро оид ба лаҳзаҳои рӯзгору намунаҳои осори мутасаввифону машоих ва урафои аҳди хеш маълумоти арзишманд медиҳад, ки ҳатто баъзе тазкиранигорон аз он ҳамчун сарчашмаи муътамад истифода кардаанд.

Муҳаққиқ инчунин баҳси ҷолибе оид ба коргирии каломи ҳунарии манзуми форсию арабӣ дар «Номаҳо»-ро сомон додааст, ки ғолибан эҷоди он ашъор ба худи Қозӣ мутааллиқ аст.

Муҳаққиқ мақому мавқеи авроману фаҳлавиётро низ дар «Номаҳо» чун таносуби алҳону каломи ҳунарӣ шохис месозад, ки комилан уҳдабароёна аст. Ҳатто муҳаққиқ баъзе абёти арабиро дар зерфасли аввали фасли чаҳоруми боби чорум тасҳеҳу таъйин мекунад, ки иқдоми нодир аст.

Як ҷиҳати хуби таҳқиқоти Зоиров Ҳ.З. он аст, ки ӯ тавъам бо шохис кардани мансубияти ашъори шуарои то садаи XII, инчунин маъхазҳои онҳоро низ мушаххас месозад.

Фаразан, дар хусуси манобеи ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд» чунин менависад: «С. Нафисӣ ашъори устод Рӯдакиро аз сарчашмаҳои мухталиф гирдоварӣ намуда ва аз рақамҳое, ки зери ғазали мазкур овардааст, маълум мешавад, ки сарчашмаҳои ин ғазал «Суханони манзуми Абусаиди Абулхайр», нусхаи Тоҷикистонии «Осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абисаид» мебошанд» (Дисс., с. 289). Аз ин рӯ, муҳаққиқ «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадониро низ яке аз сарчашмаҳои ашъори Рӯдакӣ ва дигарон дониста, дур мондани онро аз назари С. Нафисӣ таъкид мекунад (Дисс., с. 289-290).

Инчунин, Зоиров Ҳ.З. «Номаҳо»-и Қозиро яке аз сарчашмаҳои муътамади ашъори Ҳаким Саноӣ меҳисобад, ки қобили қабул аст.

Ҷиҳати дигари бисёр хуби диссертатсияи Зоиров Ҳ.З. боз дар он аст, ки ӯ аз ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ, осори илмӣ, тавъам бо матн огоҳии комил дорад ва ҳатто бо мутахассисони бонуфуз баъзан ба баҳс ворид шуда, басо мудаллал баҳс мекунад ва муҳим он аст, ки ғолибан истиқлоли андеша дорад.

Зиёда аз он, баъди ҳар як фаслу боб ба хулосаҳои шохис меояд, ки яке аз беҳтарин сифатҳои таҳқиқ аст.

**Хулоса**и умумии диссертатсия низ ба тариқи тезисҳо рӯйи кор омада, дар шакли 30 тезис сомон дода шудааст, ки комилан илмист.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 1 монография, 65 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 3 мақола дар хориҷ аз кишвар ба нашр расонидааст. Ҳамчунин, муаллифи рисола нуктаҳои асосии мавзуи таҳқиқро дар даҳҳо конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ ба шакли маъруза пешниҳод намудааст.

Автореферати диссертатсия ва тарҷумаи русии он, суханрониҳои илмӣ, монография ва мақолаҳои ба нашр расонидаи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дар баробари муваффақиятҳои сершумор басо ҷузъӣ бошад ҳам, дар рисола баъзе камбудиҳо роҳ ёфтаанд, ки рафъи онҳо боиси беҳбудии сифати кор хоҳад шуд:

1. Унвони диссертатсия дар шакли зерин, ба андешаи мо, тағйир дода шавад, беҳтар аст: «Ҷойгоҳи Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар насри номанигории форс-тоҷик», зеро дар диссертатсия шахсияти адиб ва рисолати таърихии баҷоовардаи ӯ тавъам таҳқиқ шудааст.

2. Номаҳо дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ҳамчун лабораторияи эҷодии эҷодкор аст. Зеро мухтассоти инфиродиро бештар доро мебошанд.

3. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик то кунун панҷ навъи мавҷудияти афкори адабӣ-эстетикӣ пазируфта шудааст. Яъне: 1. Назари файласуфон. 2. Диди назарияпардозон. 3. Гуфтаҳои осори қомусгуна. 4. Ақоиди тазкиранигорон. 5. Довариҳои шоирона хосса дар фахрияҳо.

Бояд номаҳо ё мактубот бахши шашуми ифодакунандаи афкори адабӣ-эстетикӣ дониста шаванд.

4. Дар диссертатсия басо бо нудрат бошад ҳам, ғалатҳои имлоӣ дар саҳифаҳои 16, 21, 39, 43 ... ва ғалатҳои китобатӣ дар саҳифаҳои 20, 29, 38, 68 ва ғайра дида мешаванд, ки бояд то нашри оммавии он ислоҳ карда шаванд.

Ғалатҳои фавқуззикр чандон ҷиддӣ набуда, арзиши илмии диссертатсияро коҳонида наметавонанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Солеҳов Мирзо Одинаевич**
«27» майи соли 2024.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон, бинои 23, хонаи 19.
Тел.: (+992) 98-106-78-75
E-mail: solehov@mail.ru

«Имзои профессор Солеҳов Мирзо Одинаевичро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**
«27» майи соли 2024.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 221-77-11
Факс: 227-15-10
E-mail: info@ tnu.tj
Сомонаи муассиса: www.tnu.tj